Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Назаров Давлатхон Қурбонмуродович дар мавзӯи «Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 12.00.05 – Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ ва 12.00.10 – Ҳуқуқи байналмилалӣ; ҳуқуқи Аврупо (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.**

Рисолаи номзадии Назаров Давлатхон Қурбонмуродович, ки ба мавзӯи «Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида шудааст, яке аз мавзуъҳои ҷолиби диққат ва мубрами ҳуқуқи миллӣ ва байналхалқии меҳнат маҳсуб меёбад. Ин мавзӯъ масъалаҳоеро фаро мегирад, ки натанҳо аҳамияти назариявӣ, инчунин, аҳамияти хоси амалӣ доранд. Чунин ҳолат моро водор месозад, ки барои ҳалли масоили татбиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии марбут ба меҳнат дар сатҳи қонунгузории миллӣ аҳмияти махсус дода бошем.

Аз мазмуни автореферати мазкур бармеояд, ки диссертатсия аз се боб ва ҳафт зербоб иборат мебошад. Дар боби якум масъалаҳои умумии низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барраси шудаанд. Дар боби дуюм масъалаҳои марбут ба сарчашмаҳои байналмилалии танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои ба он алоқаманд, таснифи онҳо таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Дар боби сеюми рисола масъалаҳои амалӣ намудани меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи меҳнат дар сатҳи миллӣ ва назорат бар раванди он матраҳ шудаанд.

Дар рисолаи хеш муаллиф нуктаҳои қолиби илмиро пайгирӣ кардааст. Хусусан, ӯ якчанд ақидаҳои пешқадамро ҷиҳати такмили қонунгузорӣ дар самти мукаммал гардонидани сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии меҳнат пешниҳод намудааст. Таҳлилҳои муқоисавии муаллиф имкон фароҳам овардааст, ки таҷрибаи рушдкардаи ҷаҳонӣ дар ин самт омӯхта шавад. Адабиёти зарурӣ таҳлил гардидааст ва дар маҷмӯъ диссертатсия бо услуби илмӣ навишта шудааст.

Воқеан, автореферати диссертатсияи Назаров Давлатхон Қурбонмуродович дар мавзӯи «Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», бо моҳият ва мазмуни хоси илмию амалӣ, тахмини мантиқии масъалагузорӣ тариқи риояи пайдарпайии сохтори ва дигар самтҳои назаррасу илман асоснокгардидааш сазовори баҳои мусбат мебошад.

Автореферати диссертатсияи Назаров Давлатхон Қурбонмуродович аз нуқтаҳои илмии мавриди баҳсбуда низ холӣ нест. Масалан, муаллиф қайд намудааст: “то имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон 51 конвенсия ва 22 тавсияномаи Созмони байналмилалии меҳнатро тасдиқ намудааст. Ҳамаи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии дорои меъёрҳои ҳуқуқи меҳнат вижагиҳои худро дошта, аз рӯйи тартиби таҳияву қабул ва эътибор пайдо намудану амал кардан дар қаламрави давлатҳои мухталиф аз ҳамдигар фарқ мекунанд» (с. 4). Дар ин замина маълумоти марбут ба татбиқи баъзе аз конвнесия ва тавсияномаҳои СБМ ба таври дахлдор дар рисолаи мазкур инъикос нашудаанд.

Бояд гуфт, ки эроди овардашуда аз лиҳози илмӣ баҳснок бошад ҳам, ба паҳлӯҳои илмии диссертатсия таъсир намерасонад.

Омӯзиши ҳамаҷонибаи автореферати диссертасияи Назаров Давлатхон Қурбонмуродович нишон медиҳад, ки таҳқиқоти илмӣ бaанҷомрасида ба ҳисоб рафта, дар он масъалаҳои мубраму ҳалталаб вобаста ба мавзӯи таҳқиқот дар замони муосир ва такмили қонунгузории соҳа, вобаста ба татбиқи меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалии марбут ба меҳнат мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Аз мазмун ва муҳтавои автореферат чунин бармеояд, ки диссертатсияи Назаров Давлатхон Қурбонмуродович дар мавзӯи «Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо қарори Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисосҳои 12.00.05 – Ҳуқуқи меҳнатӣ; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ ва 12.00.10 – Ҳуқуқи байналмилалӣ; ҳуқуқи Аврупо (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) сазовор мебошад.

Тақриз дар асоси талаботи «Низомномои намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудааст, таҳия ва манзур гардидааст.

**МУҚАРРИЗ:**
Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
Раиси Иттифоқи касабаи кормандони
маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Одиназода Р.С.

Имзои Одиназода Р.С.-ро **тасдиқ мекунам.**
Сардори раёсати кор бо кадрҳо, ташкилӣ ва
коргузории Иттифоқи касабаби кормандони
маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Нозакова З.З.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 17, гузаргоҳи 1.
**Тел:** (+992 37) 238-55-80. **E-mail:** ramazon-84@mail.ru